## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Сафаров Абдумалик Абдусатторович дар мавзуи «Нақши сармоягузории мустақими хориҷӣ дар инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ.**

Сафаров Абдумалик Абдусатторович соли 2013 факултети молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз бо баҳои хубу аъло хатм намудааст. Унвонҷӯ солҳои зиёд дар бахши истеҳсолот фаъолият намуда, аз соли 2018 ассистенти кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва ҳамзамон унвонҷӯи кафедари иқтисодиёти ҷаҳонии ДМТ мебошад.

Унвонҷӯ ҳангоми иҷрои таҳқиқоти илмии худ дараҷаи баланди мустақилиятро дар ҷамъоварии маълумотҳо, омӯзиш ва интихоби асарҳои олимон, ки ҷанбаҳои кори мазкурро таҳқиқ намудаанд, нишон додааст.

Мубрамияти мавзуи интихобкардаи Сафаров А.А. аз он бармеояд, ки дар шароити рушди муносибатҳои молиявӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ ҷалби сармояи хориҷӣ, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии кишвар ба шумор меравад. Имрӯз барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҷалби сармоягузории хориҷӣ проблемаи аввалиндараҷа аз он нуктаи назар арзёби мегардад, ки мо бояд ҳар чи тезтар аз модели истеъмолӣ ба модели сармоягузорӣ қадам гузорем ва маҳз барои ҳамин ҷалби сармоягузории хориҷиву ватанӣ барои илми иқтисодӣ ва таҷрибаи хоҷагидории кишвар вазифаи муҳим ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, мавзуи интихобнамудаи Сафаров Абдумалик дар шароити муосир барои кишвар рӯзмарра арзёбӣ мегардад.

Дар рисолаи диссертатсионӣ диққати махсус ба асосҳои илмӣ – назарявии ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ, асосҳои назариявӣ, ҷой, мавқеъ ва аҳамияти он дар рушди иқтисодиёти кишвар дода мешавад. Дар баробари ин, муаллиф ҳангоми тахияи рисола, инчунин ба масъалаҳои таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ, холати муосири рушди иқтисодиёт, мавқеъи сармоягузорӣ дар низоми иқтисодиёти кишвар, шароит ва омилҳои таъсиррасонро ба самаранокии рушди

захираҳои молиявӣ ба таври муфассал баррасӣ менамояд. Аспирант махсусан қайд мекунад, ки дар даврони истиқлолият ба Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар гардид, ки иқтисодиёти кишвар барқарор ва рушд намояд. Барои ҷалби сармоягузории дохиливу хориҷӣ тамоми заминаҳои иқтисодиву ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуд. Инчунин қайд карда мешавад, ки дар шароити рушди муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ ва иқтисодиёти кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сармоягузории хориҷӣ шарти муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб рафта, барои шомил шудан ба ҷараёнҳои ҳамгироӣ барои илми иқтисодӣ ва таҷрибаи хоҷагидорӣ бо мақсади ҷалби васеъи маблағгузорӣ, барои рушди минбаъдаи кишвар ва татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар масъалаи аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Арзиши махсуси диссертатсия дар он ифода меёбад, ки роҳҳои воқеӣ ва нисбатан самаранок истифода бурдани сармояи хориҷӣ дар кишвар, ки на танҳо масъалаҳои афзоиши захираҳои молиявӣ, балки мавқеи бахши сармоягузорони ватаниву хориҷиро мустаҳкам намуда, алоқаҳои ҳамгироии шариконни рушди кишварро васеъ менамояд. Амалӣ намудани пешниҳод ва тавсияҳои марбут ба ҷалби сармояи хориҷӣ, бахусус сармоягузории мустақим, ки дар ҷараёни тадқиқот таҳия ва баррасӣ карда шудаанд, барои баланд бардоштани сатҳи тараққиёти иқтисодии кишвар дар шароити кунунӣ мусоидат менамоянд.

Дар таҳқиқоти дисертатсионӣ инчунин таҷрибаи ҷаҳонии ҷалби сармояи хориҷӣ, тадқиқоти илмии проблемаҳои истифодаи мақсадноки сарчашмаҳои иловагӣ аз ҳисоби сармояи хориҷӣ низ таҳлил карда шудаанд, ки сатҳи рисолаи диссертатсиониро баланд менамояд. Тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда ва умуман барои таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ дар кишвар ва инчунин барои рушди ҳамгироии иқтисодӣ метавонад заминаи махсус гузоранд.

Натиҷаҳо ва муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои ҷумхуриявию байналмилалӣ пешниҳод карда шуда, баҳои мусбӣ гирифтанд. Дар раванди гузаронидани тадқиқот ва иҷрои рисолаи диссертатсионӣ Сафаров А.А. дар ошкор намудани муаммоҳо ва самти афзалиятноки ҷалби сармояи хориҷӣ худро ҳамчун мутахассис нишон дод.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сафаров А.А. дар мавзуи «Нақши сармоягузории мустақими хориҷӣ дар инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.13 –Иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, кори мустақилона ба анҷом расонидашуда ба ҳисоб меравад ва барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

Роҳбари илмӣ
н.и.и., дотсент Саидмуродова М.А.

Имзои Саидмуродова М. А.- ро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.
06.05.2024